**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дар мавзуи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Мавзуи пажӯҳиши рисолаи номзадии **Султонзода Гулбаҳор Абдувайит «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI»** ба яке аз мавзуъҳои мубрами адабиётшиносӣ марбут буда, муаллиф кӯшидааст, ки дар он яке аз фарҳангҳои асримиёнагии адабиёти тоҷикро ба риштаи таҳқиқ кашад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзуъ.** Дар адабиётшиносии тоҷик илми фарҳангшиносӣ яке аз улуми муҳимми адабӣ барои дарёфти сарчашмаҳои муътамад ва мутуни асили адабӣ маҳсуб меёбад. Дар меҳвари фарҳангшиносӣ омӯзиши фарҳангҳои гузаштаву муосир қарор дошта, ин илм дар забоншиносӣ марбут ба истилоҳи "лексикография" аст. Дар адабиётшиносии муосири тоҷик омӯзиши фарҳанг ҳамчун сарчашмаи адабӣ дар тасҳеҳи осори адибон, муайян кардани муаллифи воқеии ин ё он асари бадеӣ ва бозёфти ашъори тоза мусоидат менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** муайян намудани мақоми «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва ҳамчун сарчашмаи адабӣ эътироф шудани фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» аз ҷиҳати фарогирии шавоҳиди шеърии зиёд, муаррифии муаллифи фарҳанг натанҳо ҳамчун фарҳангнигор, балки шоири бомаҳорати асри XVII мебошад. Маротибаи аввал дар фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» ҷой доштани афкори интиқодӣ ва он заминаи рушди нақд дар фарҳангнигории минбаъда гардиданаш бо далелҳо собит карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар ҳафт банд дарҷ гардида, қобили таваҷҷуҳ буда, асоснокӣ ва арзиши илмию амалиро доро мебошад.

Муҳаққиқ дар доираи рисолаи илмии хеш бар он кӯшидааст, ки фаъолияти адабии муаллифи фарҳанг, сохтори фарҳанг, якчанд нусхаҳои хаттии он, сарчашмаҳои "Маҷмаъ-ул-фурс", унсурҳои нақду шарҳ ва хусусиятҳои луғавию адабии фарҳангро баррасӣ намуда, аз рӯйи маводи фарҳанг ба масоили матншиносии осори адабии асрҳои X-XI бо истифодаи усули муқоисавӣ кӯшиш ба харҷ додааст. Маҷмуи баррасиҳову таҳлилҳои рисолаи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дар муқаддима, се боб, ҳашт фасл, ҳашт зерфасл, хулосаҳову натиҷаҳо ва феҳрасти манобеи истифодашуда таркиб ёфта, дар ҳаҷми умумӣ 210 саҳифаи компютерӣ таҳия гардидааст, ки 152 саҳифаи он асоси диссертатсияро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи

ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) пурра **мувофиқат менамояд.**

Муаллиф дар муқаддима тавонистааст, ки заруурату муҳиммияти омӯзиши мавзуъро шарҳ дода, ҳамзамон огоҳмандии худро аз сайри таърихии тадқиқи он рӯнамо созад. Унвонҷӯ дар шинохти масъалаҳои мавриди назар ба сарчашмаҳои адабиву илмӣ такя намуда, бо овардани далели зиёд вусъати иттилооти зери даст доштаи худро нишон медиҳад ва заруурати таҳқиқи мавзуи мазкурро собит менамояд.

Диссертант дар боби аввал, ки **«Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва мақоми «Маҷмаъ-ул-фурс»-и ӯ дар суханшиносии форсӣ – тоҷикӣ»** унвон дошта, 3 фаслро дар бар мегирад, зиндагинома ва маҳорати шоирии Муҳаммадқосим Сурурии Кошониро аз рӯйи тазкираҳои асримиёнагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки маҳз истеъдоду завқи баланди шоирии ӯ мӯҷиби таълифи фарҳанге бо фарогирии шавоҳиди шеърии зиёд гардидааст. Чун дар адабиётшиносии тоҷик зиндагинома ва осори ин шоир ба таври бояду шояд пурра омӯхта нашудааст, аз ин ҷиҳат ҷамъоварии маълумот дар бораи зиндагиномаи шоир ва зиёда аз 200 байти ӯ зимни таълифи рисола боиси ба риштаи таҳқиқ кашида шудани осори боз як шоири бомаҳорати асри XVII гардидааст.

Унвонҷӯ рисола дар боби мазкур мақоми фарҳанги "Маҷмаъ-ул-фурс"-ро дар адабиётшиносии тоҷик, махсусан, ҳамчун сарчашмаи адабӣ ба кор бурда шудани фарҳанг аз ҷониби мураттибони осори классикон, маъхази фарҳангҳои минбаъда, чун "Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ", "Бурҳони қотеъ", "Ғиёс-ул-луғот" будани "Маҷмаъ-ул-фурс" санаду далелҳо оварда, таъкид менамояд, ки аҳаммияти фарҳанг маҳз дар асноди шоҳиди он аст, ки аз фарҳангҳои мутақаддим ва девонҳои аслӣ иқтибос шудааст.

Аз фасли нусхашиносии боби аввал маълум мешавад, ки унвонҷӯ ҳини тадқиқот бо феҳрастҳои китобхонаҳои ҷаҳон хеле сару кор доштааст. Аз феҳрастҳои китобхонаҳои ғарбу шарқ истифода бурда, дар бораи нусахи нодири фарҳанги мавриди таҳқиқоташ маълумот ҷамъоварӣ намудааст. Ӯ баён медорад, ки фарҳанги "Маҷмаъ-ул-фурс" яке аз маъмултарин фарҳангҳои асримиёнагӣ маҳсуб ёфта, то ҳол дар китобхонаҳои ҷаҳон дар маҷмуъ зиёда аз 50 нусхаи хатии он нигаҳдорӣ карда мешавад. Баъдан 4 нусхаи хаттие, ки дастраси диссертант будааст, дар муқоиса бо нашри интиқодии таҳияи Муҳаммад Дабирсиёқӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, ҳусну қубҳи ин нусхаҳо нишон дода шудааст.

Диссертант Султонзода Гулбаҳор дар боби дуюм, ки **«Вижагиҳои фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»** ном дошта, аз 3 фаслу 5 зерфасл таркиб ёфтааст, равиши тасвирию сохторӣ ва омориро ба кор бурдааст. Яъне, дар боби мазкур сохтору таркиби фарҳанг, сарчашмаҳои он, омори асноди шоҳид, теъдоди шоирони дар фарҳанг номашон зикргардида,

жанрҳои шеърии истифодашуда, нақду шарҳи фарҳангнигор ва, умуман, маълумоти муфассале оид ба фарҳанг инъикос карда шудааст.

Муҳимтарин бозёфти муҳаққиқ дар ин боб муайян намудани унсурҳои нақду шарҳ дар фарҳанг аст. Бинобар маълумоти диссертант, Сурурӣ дар фарҳангаш нисбат ба асноди шоҳиди фарҳангҳои гузашта афкори интиқодии хешро иброз намудааст. Унвонҷӯ нақди Сурурӣро бо равиши муқоисавӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, фикру андешаҳои фарҳангнигорро тасдиқ ва баъзан инкор намудааст.

Дар рисола усулҳои шарҳ тасрифу таҳлил шуда, муҳаққиқ таъкид месозад, ки Сурурӣ аз усулҳои шарҳи мухтасар, муфассал, шарҳи абёт, шарҳ бо қиссаву ривоёт истифода намуда, бо ин роҳ унсурҳои шарҳнигориро дар фарҳангнигорӣ роиҷ намудааст. Ҳамчунин, аз таҳлилу баррасии киноёту истиороти фарҳанг дар рисола бармеояд, ки фарҳангнигор дар шарҳи адабӣ низ дасти воло дошта, ин фарҳанг минбаъд сарчашмаи фарҳангҳои истилоҳоти адабӣ гардида, дар охири фарҳанг овардани ин гуна ибораву таркибот дар фарҳангнигории баъдина роиҷ гаштааст.

Дар боби охир, ки **«Масоили маърифати шеър ва матншиносии осори адабии асрҳои X-XI дар фарҳанги Сурурӣ»** унвон гирифта, аз 2 фаслу 3 зерфасл иборат аст, диссертант аҳаммияти фарҳангро дар маърифати ашъори суханварони асрҳои X-XI таҳлил намуда, қайд менамояд, ки осори ин давра саршор аз вожаҳои куҳани форсист, ки дар кушодани маънии мутуни адабӣ нақши фарҳангҳои тафсирӣ басо муҳим аст. Зеро тобиши гуногуни маъноии калимаҳо ва бо кадом маънӣ истифода шудани онҳо дар истилоҳи адабӣ дар фарҳанг равшан баён гардидааст.

Муҳаққиқ дар фасли дуюми боби охир ба кори мушкилтарини адабиётшиносӣ, яъне матншиносӣ рӯ овардааст. Ӯ дар асоси фарҳанги "Маҷмаъ-ул-фурс" бо усули муқоисавӣ ва таҳлилӣ аз луғатҳои куҳан то девонҳои интиқодии шоиронро муқоисаву муқобала намуда, ба тасҳеҳи зиёда аз 50 байти мутуни адабии асрҳои X-XI ноил мегардад. Ин натиҷаи амалии диссертатсияро дар нашрҳои ояндаи осори давраи мазкур истифода намудан аз фоида холӣ нахоҳад буд. Дар зерфасли охир ба ашъори Рӯдакӣ дар алоҳидагӣ таваҷҷуҳ намуда, қайд менамояд, ки дар фарҳанг зиёда аз 100 байти Рӯдакӣ истинод шуда, бо ин санад "Маҷмаъ-ул-фурс" яке аз сарчашмаҳои нашрҳои интиқодии осори Рӯдакӣ маҳсуб меёбад. Ва ишораи диссертант бар он далел аст, ки ҳанӯз дар миёнаҳои асри гузашта Садриддин Айнӣ дар таҳияи осори Рӯдакӣ аз ин фарҳанг ҳамчун сарчашма ба кор бурдааст. Муҳаққиқ чанд байти шоҳиде, ки ба номи Рӯдакӣ омадааст ва ба дигар ашъори Одамушшуаро аз ҷиҳати сабку маънӣ наздик аст, зикр менамояд.

Аз муҳтавои рисола аён мегардад, ки унвонҷӯ Султонзода Гулбаҳор ба андешаҳои интиқодии фарҳангнигор дуруст сарфаҳм рафта, унсурҳои шарҳнигориро дар фарҳанг муайян сохта, ба таҳқиқи фарҳанг

аз ҷиҳати адабӣ кӯшиш ба харҷ дода, масоили маърифати ашъор ва нақду тасҳеҳи осори адибони асрҳои аввали адабиёти классикии тоҷикро ба воситаи ин фарҳанг ба миён гузошта, як таҳқиқоти мукаммалу фарогирро дар адабиётшиносӣ ва, бахусус, матншиносии муосири тоҷик рӯйи кор овардааст.

**Хулосаи рисола** натиҷаҳои илмию амалии диссертантро бозгӯ намуда, муҳтавои фаслҳо ва зерфаслҳоро фаро гирифтааст.

**Тавсияҳои унвонҷӯ оид ба истифодаи амалии** натиҷаҳои таҳқиқ дар омӯзиши таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, матншиносӣ ва нусхашиносӣ ба кор хоҳад омад.

Рӯйхати адабиёт фарогири 156 адабиёти илмӣ, монографӣ, сарчашмаҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълим, диссертатсияву авторефератҳо, мақолаҳо, фарҳангномаҳо, захираҳои электронӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва бо хати форсӣ буда, қариб ҳамааш дар рафти пажӯҳиш истифода шудаанд.

**Интишороти илмии довталаб** аз 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла **6 мақолаи дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон** банашррасида иборатанд ва нуктаҳои асосию натиҷаҳои таҳқиқотро дарбар мегиранд.

Баробари муваффақиятҳо дар рисола якчанд камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Дар боби аввал, мавриди омӯзиши зиндагиномаи Сурурӣ номи 4 сарчашма, аз қабили тазкираҳои «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Мир Тақиуддини Кошонӣ, «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ, «аз-Зариа ило тасониф-иш-шиа»-и Муҳаммад Муҳсини Оқо Бузурги Теҳронӣ, «Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин»-и Тақии Авҳадии Балёнӣ зикр шудааст, аммо мавриди таҳлилу баррасии мавзуъ бештар такя ба «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Мир Тақиуддини Кошонӣ карда шуда, сарчашмаҳои дигар аз мадди назари диссертант дур мондааст (дисс., саҳ.17,18).
2. Дар нахустфасли боби дуюм, маълумоти бештаре дар бораи сарчашмаҳои фарҳанг, яъне китобҳои илмию соҳавӣ зикр карда шудааст, ки зарурати зиёд надорад ва танҳо мавриди истифодаи онҳо дар фарҳанг баён карда шавад, кифоя аст (дисс., саҳ.66-70).
3. Дар фасли «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ ва мақоми он дар маърифати ашъори суханварони асрҳои X-XI»-и боби сеюм, ҳангоми таҳлили байт аз "Шоҳнома" аз усули муқоисавӣ истифода намуда, ба нашри соли 1962, таҳти назари Е.Бертелс муроҷиат карда шуда, дигар нашрҳои интиқодии "Шоҳнома" ба назар гирифта нашудааст. Беҳтар мешуд, ки ин муқоиса бо назардошти нашрҳои интиқодии муосири "Шоҳнома" сурат пазирад (дис., саҳ.107).

Норасоиҳои мазкур халали ҷиддиеро дар таҳқиқоти анҷомёфта ба вуҷуд намеоваранд ва ба инобат гирифтани онҳо бар салоҳдиди муаллифи диссертатсия мебошад. Итминон дорем, ки таваҷҷуҳи

диссертант ба ин нуктаҳо бояд дар афзудани ҳусни корҳои минбаъдаи ӯ хоҳад гашт.

Рисола ва автореферати диссертатсияи номзадии мавриди тақриз мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мазмуну муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мутобиқат мекунанд ва ба самтҳои афзалиятноки илм иртиботи қавӣ доранд.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки рисолаи илмии Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дар мавзуи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» ба талаботи барои рисолаҳои номзадӣ муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои филологӣ, мудири нашриёти "Дабир" ва маҷаллаи илмии "Ахбори ДДҲБСТ"-и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Охунҷонова Н.Р.

Имзои Н.Р.Охунҷоноваро тасдиқ мекунам: Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Бобоев А.Х.

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1
E-mail: dabir77@ mail.ru
Тел: +992 92 911 05 00

«11» ноябри соли 2024